**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**профессор______________Хушвахтзода Қ.Х.**

**«____» _______________2020 с.**

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Факултети журналистика

Кафедраи журналистикаи байналхалқӣ

Диссертатсияи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ муҳаққиқ Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ба сифати аспиранти шуъбаи ғоибона ва ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2012 кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ва соли 2016 шуъбаи ғоибонаи аспирантураро дар ҳамин кафедра хатм намуд.

Роҳбари илмӣ – Муқимов М. А. – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Диссертатсия дар сатҳи илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, дар мавзӯи мубрам навишта шудааст. Дар кор нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ ва махсусиятҳои инъикоси низоъҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Бо мурури замон агарчи воситаҳои электронии ахбор хеле рушд кардаанд, аммо то ба имрӯз матбуот чун як қисми фаъоли воситаи ахбори омма мавқеи худро аз даст надодааст. Аз ин рӯ, маводи матбуот низ чун дигар ВАО ба афкори одамон бетаъсир намемонад ва нақши он дар баррасии масоили гуногун, махсусан ҳангоми ноороміҳо бузург аст.

Муҳаққиқ муайян намудааст, ки аксарияти ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро маҳз тавассути тарғиботи сартосарии худ тариқи ВАО сари қудрат меоянд, ба ҳадафҳои худ мерасанд ва ба сари қудрат будани ҳизбҳои динӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон хатари бузург дорад. Исмоилова Фарзона исбот кардааст, ки маҳз тавассути дастгирии воситаи ахбори оммаи Ҷумҳурии Мисри Араб ва тарғиботи сартосарии он ҳаракати тундгарои ифротии “Бародарони мусулмон”, ки солҳои зиёд ҳадафашон сари қудрат омадан буд, тавонистанд дар кишвари Миср нооромиро ба вуҷуд биёранду қудратро соҳиб шаванд. Ин таҷрибаи талхро Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои навадум чашида буд ва ин ҳодисоти даҳаи охири асри гузашта ба нооромиҳои кишвари Миср зиёд шабоҳат дорад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷомеаи муосир хеле мубрам буда, дар он нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ, махсусиятҳои инъикоси нооромиҳо дар матбуот, таъсири иттилоъ ба тафаккури омма, муқоиса намудани маводи нашрияҳои расмӣ ва мустақили Миср доир ба инъикоси нооромиҳои ин кишвар, нишон додани нақши журналистон дар системаи сиёсӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, муайян кардани муносибати ҳокимияти сиёсӣ ва журналистика дар вобастагӣ ба озодии сухан, мушаххас намудани сареъияти иттилоъ аз нооромиҳо, истифодаи абарқудратҳо аз қувваи ВАО барои ноором кардани вазъият, махсусиятҳои жанрии журналистикаи сиёсӣ ва мақоми жанрҳо дар инъикоси воқеоти сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар таҳқиқи мавзӯъ муаллиф муносибати илмӣ намуда, таҳлилҳо ва хулосаҳояшро

дар такя ба факту далелҳо ва назарияҳои гуногуни илмӣ асоснок намудааст.

Зарурати интихоби мавзӯъ ва таҳқиқи онро муҳаққиқ дар он арзёбӣ мекунад, ки дар замони муосир терроризму экстремизм мавзӯъҳоеанд, ки на танҳо воситаи ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Миёна ва Шарқи Наздикро, ки аксарияти аҳолияшон мусулмон аст, ба ташвиш овардааст, балки ин мавзӯъҳо тамоми аҳолии кураи замин ва ВАО-и ҷаҳониро нигарон намудааст. Аксарияти чунин ҳизбу ҳаракатҳо маҳз тавассути тарғиботи сартосарии худ тариқи ВАО сари қудрат меоянд, дар ҳоле ки сари қудрат будани ҳизбҳои динӣ ба амнияти минтақа ва ҷаҳон хатари бузург дорад. Муайяан намудани нақши матбуот дар ин нооромиҳо яке аз мушкилоти асосии журналистикаи муосир аст, ки бояд таҳқиқу баррасӣ гардад. Воқеоти кишварҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ нақши воситаҳои ахбори омма аз ҳарвақта дида дар сар задани низоъҳо бештар аст.

Мушкили дигари соҳа ин нигоҳои обеъективона надоштани журналистон ба воқеаву руйдод ва факт, ҳамзамон инъикоси нодурусти нооромиҳо дар матбуот аст, ки баъзан ба авҷ гирифтани он сабаб мешавад. Истифодаи кишварҳои абарқудрат аз қувваи ВАО баҳри пиёда кардани ҳадафу манфиатҳои хеш низ дар замони ҷаҳонишавӣ проблемаи бузурги соҳаи журналистика ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти мазкур диссертант кӯшиш намудааст, ки нақш ва мавқеъгирӣ, тарзи пешниҳод, интихоби факт ва дигар ҷузъиётро ҳангоми инъикоси мавзӯъҳои сиёсӣ ва баррасии нооромиҳои кишварҳои гуногун, махсусан кишвари Миср бо истифода аз маводи матбуоти худи ҳамин кишвар, ҳамчунин маводи сомонаҳои матбуоти Россияву Амрико ва Тоҷикистон, махсусан рӯзномаҳои “Ал-Аҳром”, “Ал-Ахбор”, “Известия”, “Комсомолская Правда”, “Ҷумҳурият”, “Садои Мардум” ва ғайра нишон диҳад. Иттилоот дар замони муосир василаи пуриқтидори таъсиррасонист. Дар

фазои мураккаби коммуникатсионӣ идора кардани иттилоот ғайриимкон аст.

Дар ҳама маврид, новобаста аз вазъияту ҳолат ва ҳадафу манфиатҳо вазифаи аввалиндараҷа ва аслии журналистон - ин ба аудитория расонидани иттилои дурусту воқеӣ ва беғаразона мебошад. Аммо хеле каманд журналистоне, ки иттилои дурусту саҳеҳро ба мардум пешниҳод кунанд ва ба он муносибати бетарафона дошта бошанд. Манфиат, ғараз ва монанди ин боз даҳҳо омилҳое ҳастанд, ки намегузоранд журналист дар ҳама маврид иттилои дурустро ба аудитория расонад. Аксари журналистон иттилоъро аввалан ба мавқеи редаксияи худ мувофиқ мекунанд ва сипас онро ба мардум пешниҳод менамоянд. Россия ва Амрико ба ҳайси ду абарқудрати ҷаҳонӣ, ки солҳост миёни онҳо дар мавзӯъҳои мухталиф ҷанги иттилоотӣ рафта истодааст, ҳангоми инъикоси ҳодисаву воқеоти дилхоҳ кишварҳо дар расонаҳои иттилоотии онҳо низ ин мавқеъ намоён аст. Нооромиҳое, ки солҳои 2011-2013 дар Ҷумҳурии Мисри Араб сар зад, ба ин мисол шуда метавонад.

Тибқи тадқиқотҳои сотсиологии ҷомеашиносон имрӯз зиёда аз 80 фоизи аҳолии ҷаҳон ба воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа таҳлилу тарғиб менамоянд ва ба он боварӣ доранд. Набояд фаромӯш сохт, ки воситаҳои ахбори омма низ барои фаъолияташон назди ҷомеа масъуланд, зеро маҳз онҳо бисёр баҳсу мунозираҳоро оғоз мебахшанд ва масъалаҳои ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Аммо дар бисёр маврид расонаҳои ғайриҳукуматии кишвар ва баъзе кишварҳои хориҷӣ ин ё он масъаларо яктарафа инъикос намуда, зимни таҳлили мавзӯъҳо ба сохтакорӣ ва ҳангоматалабӣ роҳ медиҳанд, ки ин амал мухолифи асноди байналмилалӣ оид ба матбуот мебошад.

Баробари сар задани нооромиҳо дар Миср ин мавзӯъ дар сархати ВАО-и ҷаҳонӣ қарор гирифт. Рӯзномаҳо, ки имрӯз ба тарзу усули муосир

рӯи кор омадаанд, дар фаврияти иттилоъ ҳангоми нооромиҳо аз дигар навъи ВАО қафо монданӣ нестанд. Яъне воқеоти Миср низ аз аввал то ба охир дар матбуот ва сомонаҳои он ба тарзу усули гуногун инъикос мешуд. ВАО бояд иттилооти зарурирo пешниҳод кунад, то ки шаҳрвандон мавкеашонро дар масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ муайян намуда тавонанд. Дар аксари кишварҳо васоити ахбори омма сари вақт иттилоъро ба мардум пешкаш мекунанд, аммо на ҳамаи он иттилоот воқеӣ ва беғаразанд. Аз ҷумла, воқеоти Мисрро сомонаи Радиои «Озодӣ», ки расонаи америкоист на ба он тавре ки воқеият аст, нишон медод ва қисми зиёди иттилоаш дар бораи ин кишвар метавон гуфт, ки дезинформатсия буд.

Муҳтавои диссертатсия ва таҳлилу баррасиҳои мавзӯъ нишон медиҳанд, ки муҳаққиқ ба мақсади ба миёнгузоштаи худ ноил гардидааст.

Объекти таҳқиқотро маводи матбуоти Миср дар солҳои 2011-2013 ва маводи матбуоти Тоҷикистон дар бораи ин воқеаҳо ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқро нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ ва махсусияти инъикоси нооромиҳо дар матбуот ташкил медиҳад.

Диссертатсия аҳамияти илмиву амалӣ дошта, дар он бори аввал нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотии Миср ва махсусиятҳои инъикоси низоъҳо мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад.

Рисолаи мазкур аҳамияти амалӣ ва назарӣ дошта, онро сиёсатшиносон, таҳлилгарони Маркази тадқиқоти стратегӣ, кормандони амнияти миллӣ, масъулони самти сиёсати иттилоотии кишвар ва журналистони таҳлилгар истифода карда метавонанд. Истифодаи ин рисола ба кормандони амнияти миллӣ ва онҳое ки бевосита ба роҳандозии сиёсати иттилоотии кишвар масъуланд, тавсия дода мешавад.

Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи муаллиф дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2012-2019) баён гаштаанд. Доир ба мавзӯи диссертатсия як монография (Исмоилова Ф. Матбуоти Миср ва гуногунрангии жанрии он.-Душанбе, Озар. - 2014.-88 с.) ва 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст:

[1-М] Инъикоси таҳаввулоти сиёсии Миср дар рӯзномаи «Ал-Аҳром»-и ин кишвар[Матн] / Ф.Исмоилова // Паёми ДМТ шумораи 4/5 саҳифаи 292-296.

[2-М] Инъикоси воқеоти Миср дар расонаҳои хориҷӣ [Матн] / Ф.Исмоилова // Паёми ДМТ дар шумораи 4/6 саҳифаи 273-276.

[3-А] Расссмотрение политических переобразований арабской республики Египет в прессе этой стран [Текст] / Ф.Исмоилова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, 2018.- №1, с.106-111.

[4-М] Истифодаи жанри карикатура дар матбуоти муосири Миср[Матн] / Ф.Исмоилова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон (№1 56-2) саҳифаи 323-326.

[5-М] Мавқеи жанри хабар дар рӯзномаҳои Миср[Матн] / Ф.Исмоилова // Паёми ДМТ шумораи 4/6 саҳифаи 299-302.

[6-М] Риояи одоби журналистӣ дар матбуоти муосири Миср[Матн] / Ф. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон №3 (64-2) саҳифаи 302-305 .

Диссертатсияи Исмоилова Фарзона "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)" ҷавобгӯйи талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10- Журналистика тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"– 15 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Суратҷаласаи № 8, аз 11 майи соли 2019.

Мудири кафедраи
журналистикаи байналхалқӣ, дотсент__________Қутбиддинов А. Ҳ.

Маълумот барои иртибот:
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 935326022
Почтаи электронӣ: adab-75@mail.ru

Котиб: __________С.Мирзоалӣ

Имзои А. Қутбиддиновро "тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон____________Тавқиев Э.Ш.